"ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ"
ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
доктори илмҳои таърих, профессор
_________________Усмонзода А.И.
11.06. 2024с.

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОӢ ВА КАСБИИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ" ба диссертатсияи Ҳоҷибоева Раънохон Мӯҳсиновна дар мавзуи "Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс",

Диссертатсияи **Ҳоҷибоева Раънохон Мӯҳсиновна** таҳти унвони **"Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология дар кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба анҷом расидааст.

Ҳоҷибоева Раънохон Мӯҳсиновна соли 2010-ум факултети педагогии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси психолог, омӯзгори психология хатм намудааст.

Аз соли 2012-ум то имрӯз дар вазифаҳои муаллим, сармуаллими кафедраи педагогика ва психологияи фаъолияти касбӣ (то соли 2015), кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ (аз соли 2016-то ҳол) фаъолият дорад.

**Роҳбари илмӣ: Зайтметов Ҳ.А.** – номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Ҳоҷибоева Р.М. дар давраи омодагии рисола ба сифати унвонҷӯйи кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии факултети психология ва таҳсилоти томактабии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" фаъолият бурдааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо қарори №5 аз санаи 19.12.2018 қарор тасдиқ гардидааст.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин кабул гардид:**

Рисолаи номзадии Ҳоҷибоева Раънохон Мӯҳсиновна таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию

амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳаммияти мавзуи рисола дар он зоҳир мегардад, ки он ба омӯзиш, баррасӣ, таҳқиқ ва муайян кардани аҳаммияту арзиши арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ваислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс равона карда шудааст. Аз ин рӯ, кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки дараҷаи корбурди роҳҳои ислоҳнамоии ҳолати стресс ва рушди устувории донишҷӯён ба стресс зимни машғулиятҳои таълимӣ, тренингҳо ва кори иҷтимоию психологӣ муайян карда шавад. Ҳадафи меҳварии таҳқиқ, пеш аз ҳама, ошкор кардани моҳият ва имкониятҳои усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхиси психологӣ ва ислоҳнамоии ҳолатҳои стрессии донишҷӯёнро фарогир аст. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки стресс ҳамчун аксуламали психикӣ ва рафторӣ ҳисобида мешавад, ки ҳолати изтироби дохилӣ ё фурӯ нишонидани онро ифода мекунад. Натиҷаҳои пажуҳиш далел бар онанд, ки стресс ҳамчун ҳодиса ё ҳолат дар муҳити ҷисмонӣ ё иҷтимоӣ муайян карда мешавад, ки боиси андешидани чораҳо ҷиҳати дурӣ ҷустан аз агрессия, қабули қарор оид ба бартараф кардан ё дурӣ ҷустан аз вазъияти таҳдидовар мегардад.

Даҳсолаҳои охир омӯзиши масъалаи стресси психологӣ дар фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаёти иҷтимоии инсон чӣ дар кишвари мо ва чӣ дар кишварҳои дигар ба яке аз мавзуъҳои муҳим табдил ёфтааст.

Дар баробари ин, мушкилоти пайдошавии ҳолатҳои стресс дар фаъолияти таълимӣ ва ташаккул додании устувории шахс ба стресс мавриди таваҷҷӯҳи махсуси психологон қарор дорад. Айни замон масъалаи устувории донишҷӯён ба стресси таълимӣ, пайдошавии унсурҳои ҳамоҳангсоз ва вайронкунандаи ба сифати ҳаёти донишҷӯ ва ташаккули ӯ ҳамчун мутахассис таъсири манфӣ расонанда, ки ба рушди устуворӣ ба стресс мусоидат намекунанд, ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст ва таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки яке аз воситаҳои самараноки мубориза бо ҳолатҳои стресси донишҷӯён машғулиятҳои мунтазами арт-терапия маҳсуб меёбад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот**

Заминаи назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳанд: усули диалектикии дониш ва рушди падидаҳои иҷтимоӣ ва равонӣ, муқарраротӣ илмӣ дар бораи рушд ва ташаккули шахс дар фаъолият, назарияҳои фалсафӣ ва психологии рушди шахс. Барои таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррарот ва хулосаҳое, ки ҷанбаҳои гуногуни асосҳои таъсиррасонии психотерапевтӣ ва ислоҳӣ-инкишофёбандаро ба инсон ошкор мекунанд, аҳаммияти махсус доранд.

Натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомада барои комил гардидани маводи осори таҳқиқии сабабҳои сар задани ҳолати стресси дар фаъолияти донишҷӯён, ошкор шудани раванди ислоҳнамоии он мадад хоҳад расонид. Хулосаҳои таҳқикро метавон дар таълиму тадриси курсҳои тахассусӣ, фанҳои интихобии арт-терапия ба кор бурд. Инчунин натиҷаву хулосаҳои

диссертатсияро метавон дар таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз арт-терапия истифода бурд.

Ба омӯзиши таъсири арт-терапия ба ҳолати эмотсионалии инсон муҳаккиқони ватанӣ С.Х. Расулов, А.Р. Мансурова, Ҳ.А. Зайтметов, З.Д. Қодирова, Қ.М. Каримиён, А.Р. Саидзода ва хориҷӣ Е. Адамсон, Р.М. Грановская, И. Добряков, Я. Квитковская, А.И. Копитин. Е. Крамер, Ҷ. Камерон, Ҷ. Найн, М. Наумбург, В.Н. Никитин, И.М. Николская, Ҷ. Франк, А. Хилл, Е. Эйдемиллер ва дигарон машғул шудаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** аз нукоти зерин иборат мебошад:

- қисматҳои асосии мундариҷавии хусусиятҳои психологии ҳолатҳои манфии эмотсионалии шахсият тавассути усулҳои арт-терапия асоснок шуданд;
- шароити психологие, ки самаранокии ташхис ва ислоҳнамоии ҳолатҳои манфии эмотсионалии шахс (стресс) - ро таъмин мекунад, муайян гардид;
- арт-терапия ҳамчун воситаи самараноки ислоҳнамоии психологии ҳолати стресси донишҷӯён муайян карда шудааст;
- роҳҳои ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолатҳои стрессии шахс тавзеҳ гардидаанд;
- барномаи “Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ислоҳи ҳолатҳои стресси донишҷӯён” коркард ва татбиқ гардида, самаранокии он озмуда шуд.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқ аз ислоҳнамоии психологии ҳолатҳои стрессӣ дар донишҷӯёни ихтисоси психология бо воситаи методҳои арт-терапия, ин баланд бардоштани эътимод ба худ, ташаккул додани малакаҳои рафтори боваринок, рушди маром ба комёбӣ ва таҳаммулпазирӣ ба нокомиҳо иборат мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот. Ҳаллу фасли масоили зерин меҳвари пажуҳишро** дар бар мегиранд:

– таҳлили назариявии самтҳои асосии омӯзиши стресс дар психология;
– омӯзиш ва таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ ва муайян кардани мазмун ва моҳияти мафҳумҳои “стресс”, “стресс дар ҳаёти донишҷӯён” ва “стресси таълимӣ”;
– омӯзиши моҳият ва мазмуни арт-терапия дар психотерапия;
– таҳқиқи арт-терапия ҳамчун воситаи ислоҳнамоии ҳолатҳои стресси донишҷӯён;
– таҳияи маҷмуаҳои ташхисӣ ва методӣ барои омӯзиши стресс дар донишҷӯён;
– таҳқиқ ва муқоисаи зоҳиршавии стресси таълимӣ ва хусусиятҳои психоэмотсионалии донишҷӯёни дорои дараҷаи гуногуни стресс;
– муайян кардани ҳолати стресс, устувории донишҷӯён ба стресс, дараҷаи худназораткунӣ ва мувозинати эмотсионалӣ дар шароитҳои стрессовар, ҳолати психоэмотсионалии донишҷӯён, қобилияти донишҷӯён

барои бартараф кардани ҳолати номусоид, захираҳои шахсӣ ва хусусиятҳои механизмҳои муҳофизатӣ;

– таҳияи барномаи «Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии ҳолатҳои стрессии шахс»;

– муайян кардани шароитҳои асосии самаранокии барномаи ёрии психологӣ барои донишҷӯёни дорои дараҷаи баланди стресс.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Стресси таълимӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти донишҷӯён мебошад, ки ба самаранокии азхудкунии дониш, татбиқ ва коркарди он таъсир расонида, ба пешрафти онҳо дар таҳсил монеа эҷод мекунад. Дар навбати худ, мушкилот дар фаъолияти таълимӣ низ нороҳатиро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа стресси умумӣ боз ҳам бештар меафзояд ва ин эҳтимолияти коҳиш ёфтани имкони мутобиқшавиро зиёд мекунад.

2. Стресси таълимӣ ин ҳолатест, ки бо шиддатнокии зиёд, коҳиш ёфтани зарфияти эмотсионалӣ, ки боиси пайдошавии бемориҳои психосоматикӣ ё халалдор шудани рушди шахсии донишҷӯ мегардад, тавсиф дода мешавад.

3. Стресси таълимӣ, метавонад боиси афзоиши мушкилоти психикӣ ва ҷисмонӣ, аз қабили афсурдагӣ, изтироб, асабоният ва ихтилоли вобаста ба стресс гардад, ки дар навбати худ боз ба фаъолияти таълимӣ таъсир расонида, стресси бештарро тавлид мекунад.

4. Стресс фаъолияти одамро вайрон карда, ба рафтори муқаррарии ӯ халал ворид месозад, он “омилҳои хавф”-и асосии зоҳиршавӣ ва авҷ гирифтани чунин бемориҳо ба монанди бемориҳои дилу рагҳо ва бемориҳои рӯдаю меъда мебошад.

5. Хусусияти хоси стресси таълимии донишҷӯён дар давраи сессияи имтиҳонӣ ба вуҷуд меояд. Он бо муқовимати баланди психоэмотсионалӣ ва қобилияти идора кардани эмотсияҳо, бартараф кардани ҳаяҷони эмотсионалӣ ҳангоми иҷрои корҳои мураккаб, тоб овардан ба сарбории вазнини ҷисмонӣ ва ҳалли самараноки вазифаҳои гузошташуда дар вазъияти фавқулода алоқаманд аст.

6. Вазъияти имтиҳон ба баланд шудани сатҳи изтироби вазъиятӣ, пеш аз ҳама дар шахсоне, ки типи сусти фаъолияти олии асаб доранд, оварда мерасонад.

7. Сабабҳои асосии пайдоиши стресси донишҷӯён, одатан сарбории калони таълимӣ, дур аз волидон зиндагӣ кардан, дуруст банақшагирӣ карда натавонистани реҷаи ҳаррӯзаи худ, тарс аз оянда ва ноқобилӣ дар дуруст сарф кардани маблағҳои маҳдуд ба ҳисоб меравад.

8. Арт-терапия дар сафарбар намудани неруи эҷодии шахс ва механизмҳои дохилии худтанзимкунӣ ва табобат асос ёфта, дараҷаи баланди ҳолати стрессии донишҷӯёнро паст намуда, устувории онҳоро ба стресс, дараҷаи худназораткунӣ ва мувозинати эмотсионалӣ дар шароитҳои стрессоварро баланд мегардонад.

9. Истифодаи усулҳои арт-терапия дар технологияҳои омӯзишӣ ба рушди дараҷаи устувории стресси донишҷӯён ва бартарафкунии дараҷаи баланди ҳолати стресс таъсири мусбат мерасонад.

**Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 3 адад дастурҳои таълимӣ, 2 раҳнамо барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст:**

**а) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР чоп шудаанд:**

[1-М]. *Зайтметов Ҳ.А.* Тавсифи педагогӣ-психологии ҳолати стресс дар донишҷӯён [Матн] / Ҳ.А. Зайтметов, **Р.М. Ҳоҷибоева** // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе: 2024. – №2/20. – С. 122 - 126. ISSN 2708-5759.

[2-М]. *Зайтметов, Ҳ.А.* Истифодаи арт-терапия дар ислоҳнамоии ҳолатҳои эмотсионалии хонандагон [Матн] / Ҳ.А. Зайтметов, **Р.М. Ҳоҷибоева** // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар: 2023. – №1/3 (113). – С. 118 - 123. ISSN 2663-5534.

[3-М]. *Зайтметов, Ҳ.А.* Таҳқиқи стресси таълимии донишҷӯён дар давраи сессия [Матн] / Ҳ.А. Зайтметов, **Р.М. Ҳоҷибоева** // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Душанбе: 2023. – №3 (48). – С. 83 - 88. ISSN 2222-9809.

[4-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Масъалаҳои омӯзиши ҳолатҳои стресс дар психология [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Душанбе: 2023. – №3 (48). – С. 136 - 143. ISSN 2222-9809.

[5-М]. *Ҳоҷибоева, Р. М.* Маромнокии таълимии хонандагони синни хурди мактабӣ тавассути арттерапия [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: 2022. – №11. – С. 253 - 264. ISSN 2074-1847.

[6-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Роҳҳои ислоҳи сустхонии хонандагони хурдсол тавассути терапияи бозӣ [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Номаи донишгоҳ. Хуҷанд: 2022. – №4 (73). – С. 267 - 275. ISSN 2077-4990.

[7-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Афсонатерапия ҳамчун усули ислоҳкунии стресси хонандагони синни хурди мактабӣ [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар: 2022. – №1/1 (95). – С. 129 - 139. ISSN 2663-5534.

[8-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Истифодаи бозиҳои сужетӣ дар инкишофи психикии кӯдак [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева**, М.Ҳ. Камолова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: 2020. – №9. – С. 277 - 281. ISSN 2074-1847.

**б) Мақола ва маводҳое, ки дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд:**

[9-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Нақши арт-терапия дар ислоҳнамоии ҳолатҳои стрессии донишҷӯён [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Психология ва педагогика:

Муаммоҳои муосири назария ва амалия (маҷмуи мақолаҳо). Қисми 2. Хуҷанд: Матбааи “СИ Шарипов”. − 2024. − С. 70 - 74.

[10-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Роҳнамо аз фанни «Психологияи синнусолӣ» барои омӯзгорони ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ / мураттибон: М. Обидова, **Р. Ҳоҷибоева.** – Душанбе, «Контраст», 2023. – 88 саҳ.

[11-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Психологияи педагогӣ, дастури таълимӣ-методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ / мураттибон: Н. Абдурашитов, М. Обидова, **Р. Ҳоҷибоева,** М. Умедӣ, С. Ҳамроева. – Душанбе: «Контраст», 2023. – 152 с. (Бо қарори Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.09.2023 таҳти рақами 06 ба нашр тавсия дода шудааст.)

[12-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Психологияи синнусолӣ, дастури таълимӣ-методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ / мураттибон: Н. Абдурашитов, М. Обидова, **Р. Ҳоҷибоева**, М. Умедӣ, С. Ҳамроева. – Душанбе: «Контраст», 2023. – 176 с. (Бо қарори Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.09.2023 таҳти рақами 06 ба нашр тавсия дода шудааст.)

[13-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Психологияи умумӣ, дастури таълимӣ-методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёни ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ / мураттибон: Н. Абдурашитов, М. Обидова, **Р. Ҳоҷибоева**, М. Умедӣ, С. Ҳамроева. – Душанбе: «Контраст», 2023. – 176 с. (Бо қарори Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.09.2023 таҳти рақами 06 ба нашр тавсия дода шудааст.)

[14-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Силлабус, барномаи корӣ аз фанни «Психология» барои ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ / мураттибон: Н. Абдурашитов, М. Обидова, **Р. Ҳоҷибоева**, М. Умедӣ, С. Ҳамроева. – Душанбе: «Контраст», 2023. – 56 с. (Бо қарори Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.09.2023 таҳти рақами 06 ба нашр тавсия дода шудааст.)

[15-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Арттерапия ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои эҷодӣ [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Масъалаҳои рушди илмҳои психология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо” бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи Шӯрои олии ҶТ ва 90-солагии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021с. − С. 243 - 246.

[16-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Коллаж ва моҳияти он ҳамчун як методи арттерапия [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // «Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон». Қисми 3. − Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. − С. 115-121.

[17-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Истифодаи изотерапия ҳамчун як методи арттерапия дар системаи маориф [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // «Масъалаҳои

инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон» Қисми 3. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2022. – С. 111-115.

[18-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони оянда тавассути арт-терапия [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии "Рисолати касбӣ ва миллии омӯзгор дар замони муосир", бахшида ба 80 солагии н.и.п., дотсент Иброҳимов Грез. Душанбе: ҶДММ "НУШБОД". – Кӯлоб: 2022. – С. 53 - 57.

[19-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Истифодаи арттерапия дар машварати оилавӣ ва психотерапия [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Дар пайроҳаи илм. Маҷмӯи мақолаҳо ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф". Хуҷанд: 2021. – С. 25 - 30.

[20-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Афсонатерапия ва намудҳои он ҳамчун усули махсуси таъсиррасонанда дар арттерапия [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // "Масъалаҳои инкишофи қобилиятҳои маърифатии кӯдакон". Қисми 2. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба "30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20 солагии рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ". Хуҷанд: 2021. – С. 179-183.

[21-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Изотерапия ҳамчун методи арттерапия [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Дар пайроҳаи илм. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва эҳёи анъанаҳои миллӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 65 - 77.

[22-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Нақши арттерапия дар бартарафсозии ҳолатҳои манфии эмотсионалии шахсият [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Конференсияи таълимӣ – методии ҷумҳуриявии "Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир" бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Хуҷанд: (27-28-уми ноябри 2018).

[23-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Нақши арт – терапия дар фаъолияти равоншинос [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Маводи конфронси илмию амалии профессорону омӯзгорон дар ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ва кормандони шӯъбаи маорифи Ҳукумати ноҳияи Ҷ.Расулов таҳти унвони "Мактаб – сарчашмаи пажӯҳишгоҳои илмӣ". Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ - методӣ. Хуҷанд: – 2017. – С. 147 - 153.

[24-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Бароҳмонии хадамот ва машварати психологӣ дар ташаккули ҷавонону наврасон [Матн] / К.Ш. Ғоибов, **Р.М. Ҳоҷибоева** // Маҷмӯаи "Раҳоварди илм". Қисми 2, Хуҷанд, Нури маърифат: – 2016. – С. 213-222.

[25-М]. *Ҳоҷибоева, Р.М.* Таъсири стресс ба фаъолияти таълимии донишҷӯён [Матн] / **Р.М. Ҳоҷибоева** // Маҷмӯаи "Раҳоварди илм". Қисми 2, Хуҷанд: Нури маърифат, 2016. – С. 234-237.

Дисссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» кабул шудааст.

Кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Ҳоҷибоева Раънохон Мӯҳсиновнаро кори илмии бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ тавсия менамояд.

Дар маҷлиси кафедра 1 нафар доктори илмҳои психологӣ, дотсент С. Бобоева, 2 нафар номзади илмҳои психологӣ, дотсентон А. Мансурова ва Ҳ. Зайтметов, 2 нафар номзадони илмҳои педагогӣ, дотсентон М. Луфов, Д. Усмонзода ва омӯзгорони кафедра М. Раҳимова, Ғ. Холиқов, М. Садиров, Ф. Ахмедова, М. Фозилова иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - **10 нафар**, «зид» - **нест**, «бетараф» - **нест.**

Протоколи ҷаласаи №7-ум аз 1- уми марти соли 2024.

**Раисикунанда, мудири кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** ____________ **Ғоибов К.Ш.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
тел.: (+992) 92 703 82 66
E-mail: gaibov-87@mail.ru

**Котиби ҷаласа, омӯзгори калони кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,** ____________ **Фозилова М.Ҷ.**

«Имзоҳои К.Ш. Ғоибов ва М.Ҷ. Фозиловаро тасдиқ менамоям»:
**Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси МДТ «ДДХ ба ном академик Бобоҷон Ғафуров»** ____________ **Ҳусейнова З.С.**

РАЁСАТИ КАДРҲО КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил. Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
тел.: (+992) 92 805 70 07
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru